# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо Фармоиши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.соли2010 №13 тасдиқ карда шудааст.**

## Дастурамал
## Оид ба пур кардани «Ҳисобот дар бораи нақлиёти автомобилӣ» шакли №1-нақлиёт (роҳ) солона

### <u>Муқарраротиумумӣ</u>

Корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳои хурд, корхонаи муштарак ва дигар хоҷагиҳо (минбаъд ба таври мухтасар «хоҷагӣ» номбар карда мешавад), автомобилҳои ба иҷора гирифташаванда, ядакҳои автомобилӣ, нимядакҳои автомобилӣ, роҳҳои автомобилгард танҳо дар як қисми фаслҳои 1,4 вайро пур мекунанд.

Аз рӯи истеҳсолот иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ (ташкилотҳо) (ИИИ) ҳисобот тартиб медиҳанд:

- ҳар як хоҷагии мустақил, ки ба иттиҳодияи истеҳсолӣ, иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ дохил мешаванд;
- хоҷагии асосии ИИ, ИИИ-оид ба автомобилҳои ҳар як ҷузъу томи ИИ, ИИИ ҳангоми омадани ин ҷузъу томи он ба ҳудуди ноҳияи ҷумҳурӣ;
- ҳар як ҷузъу томи истеҳсолӣ (аз он ҷумла ҳаракаткунанда) ИИ, ИИИ ҳангоми омадан ҷузъу томи қайд кардашуда на дар ҳудуди ноҳияи ҷумҳурӣ.

Ҳисоботи ҷамъбасти умуман аз рӯи ИИ, ИИИ шакли №1 нақлиёт (роҳ) ба Агентии омор пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми пур кардани шакли №1 –нақлиёт (роҳ) дар маркази ягона дар хоҷагии асосии ИИ, ИИИ таъмин карда мешавад ва вай ба шӯъбаи омории маҳалли ҷойгирифтаи ноҳия (шаҳр) дар охири сол пешниҳод карда мешавад:

-ҳар як хоҷагии мустақиле, ки ба ИИ, ИИИ дохил мешавад;
Хоҷагии асосии ИИ, ИИИ ва ҳар як ҷузъу томи истеҳсоли ИИ, ИИИ ҳангоми омадани ҷузъу том ба ҳудуди ноҳияи ҷумҳурӣ маҳҳали ҷой гирифтаи хоҷагии асосӣ;

- ҳар як ҷузъу томи истеҳсолӣ (аз он ҷумла ҳаракаткунандаи) ИИ, ИИИ ҳангоми омадан, ки ҷузъу томи ба қайд гирифташуда на дар ҳудуди ноҳияи ҷумҳӯрӣ.

Дар сатри «Хоҷагӣ корхонаи нақлиёти автомобилии ҳисоби хоҷагӣ мебошаду дар тарози мустақил қарор дорад» иттилооти «ҳа»-ро хоҷагӣ ҳангоми мавҷудияти ду шароити яквақта пешниҳод менамоянд: фаъолияти асосии хоҷагӣ ҳамлу нақли бор (мусофиркашонӣ) мебошад ва агар вай дар ҳисоби хоҷагии муқаддимоти қарор дорад ва суратҳисоби худро дар шӯъбаи Бонки давлатӣ дорад.

Боқимонда хоҷагҳо дар ин сатр иттилооти «нест» пешниҳод менамоянд.

## ФАСЛИ 1: Маҳсули нақлиёти автомобилӣ дар як сол

Дар ин фасл нишондиҳандаҳои ҳаҷми корҳои нақлиёти автомобилӣ оварда шудаанд: ҳаҷми боркашонӣ (мусофиркашонӣ) ва боргардиши (мусофиргардишӣ) нақлиёт. Ин нишондиҳандаҳоро шӯъбаи ба нақшагирию иқтисодии корхонаи автомобилӣ пур мекунад.

Сатри 01 «Борҳо-ҳамагӣ ҳазор тонна бурда (оварда) расонда шудаанд» дар асоси коркарди роҳхатҳо ва реестр (барои он автомобилҳое, ки дар иҷора кор мекунанд, ҳаҷми боркашонӣ дар асоси даромади нақде, ки ронанда ба хазина корхона таҳсил мекунад) муайян карда мешавад.

Сатри 02 то 04 дар асоси тақсими сатри 01 ва сатри 03 пур карда мешавад: дар бораи намудҳои хати сайр.

Сатри 02 «Боргардиш-ҳамагӣ, ҳазор тонна-км» аз реестре, ки дар асоси роҳхатҳо, ё бо зарби ҳаҷми боркашонӣ дар масофаи миёнаи боркашонӣ тартиб дода шудааст, пур карда мешавад. Дар сатри 02 боргардиши бо ядак иҷро кардашуда низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар нишондиҳандаҳои бор кашонда шудааст ва «Боргардиш» мусофиркашонӣ ҳамроҳ карда намешавад.

Сатри 03 «мусофирон бурда (оварда) шуданд, ҳазор нафар» аз рӯи реестри коркарди роҳхатҳо (дар низоми иҷора ҳаҷми боркашонӣ аз рӯи даромади нақди ҳар як ронанда муайян карда мешавад) пур карда мешавад.

Сатри 04 «Мусофиргардиш тавассути нақлиёти автомобилӣ, ҳазор километр «аз рӯи реестр ё бо зарб кардани ҳаҷми мусофиркашонӣ бо масофаи мусофиркашонӣ пур карда мешавад.

## ФАСЛИ 2: Сохтори ҳаракаткунандаи худӣ дар охири сол

Дар сатри 05 ҳамагӣ ҷамъи сатрҳои 06+25+32+38 автомобилҳое, ки дар тавозуни корхона ва иҷора инчунин бо шартнома нишон дода мешавад. Сатри 06 ҳамагӣ автомобилҳои боркаш якҷоя бо баҳисобгирии пикапҳо ва фургонҳои сабукрав тавассути ҷамъи сатрҳои 07 то 13, ҷамъи сатрҳои аз 14 то 19 ҷамъи сатрҳои аз 21 то 24 ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо тақсимоти автомобилҳои боркаш аз рӯи сохти бордон дар сатри 07, дар сатри 08 – худхоликунҳо, сатри 09- автомобилҳои боркаш ва фургонҳои сабукрав, сатри 10 – рефрижераторҳо, сатри 11-ситернаҳо, сатри 12- чубкашҳо ва дар сатри 13 дигарҳо аз рӯи бордон нишон дода мешаванд.

Дар сатри 14 ҷамъи сатрҳои 15-19 тавсифи автомобилҳои боркаш аз рӯи иқтидори борбардорӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 20 ҷамъи сатрҳои 21-24 аз рӯи сохт барои истифодаи сузишвории бензин (сатри 21), дизелӣ (сатри 22), гази табиӣ (сатри 23) ва гази нафтӣ (сатри 24) нишон дода мешавад. Сатри 21 «аз он ҷумла, бо автомобилҳое, ки сӯзишвории бензинро истифода мебаранд» дар сутуни 2 -3 дар асоси маълумотҳои шӯъбаи техникӣ ва шӯъбаи баҳрабардорӣ – истифодабарӣ (реестр) ва китоби рафту омади ҳар як автомобил) пур карда

мешаванд. Ба ҳамин тартиби монанд, сатрҳои аз 22 то 24 пур карда мешаванд.

Сатри 25 аз рӯи ҷамъи сатрҳои 28-31 пур акарда мешавад.

Сатри 26 аз сатри 25 фақат тавсифоти таксомоторҳои маршрутӣ инъикос карда мешаванд ва сутунҳои он пур карда мешаванд.

Сатри 27 аз сатри 25 автомобилҳое, ки сохташон бо истифодаи сузишвории бензин, дизелӣ, гази табиӣ ва гази нафтӣ нишон дода мешавад. Яъне дар сатрҳои 28-31 нақлиёте, ки бо истифодаи сузишвории бензин(сатри 28), дизел (сатри 29), гази фишурдаи нафтӣ (сатри 30) ва гази фишурдаи табиӣ (сатри 31) нишон дода мешаванд.

Сатри 32 аз рӯи ҷамъи сатрҳои 34-37 ҳамагӣ автомобилҳои сабукрав нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 34-37 автомобилҳо аз рӯи намуди истифодаи сӯзишворӣ дарҷ карда мешаванд.

Дар сатри 38 ҷамъи автомобилҳои махсуси ғайри сабукрав ва автомобилҳои махсуси сабукрав аз рӯи ҷамъи сатрҳои 39-42 нишон дода шуда дар сатри 43 бошад аз сатри 38 автомобилҳо бо истифодаи намуди сӯзишворӣ, ки дар сатрҳои 44-47 оварда шудаанд оварда мешаванд. Дар навбати худ сатри 38 аз рӯи ҷамъи сатрҳои 44-47 пур карда мешавад.

Ба ин ё ба он навъ мансуб донистани автомобилҳо аз рӯи таъйинот, сохти бадана, гурӯҳҳои зарфияти борбардорӣ, сохти низоми сӯзишворӣ дар асоси дастурамали заводи сохташуда ё шиносномаи техникии автомобил ба амал бароварда мешавад.

Дар нишондиҳанда «Автомобилҳои сабукравӣ таксомоторӣ ва хизматӣ» автомобилҳои сабукравӣ ҳамаи тамғаҳо моделҳо ва мудификатсияи онҳо ҳамроҳ карда мешавад. Ба ҷумлаи автомобилҳои сабукрав набояд автомобилҳои сабукравӣ таъйиноти махсус (хадамоти нозирию қаравулӣ, санитарӣ, хазинакашонҳо ва дигарҳое, ки чун қоида дар онҳо дастгоҳу таҷҳизоти статсионарӣ гузошта шудаанду ба ҷумлаи автомобилҳои махсус маҳсуб дониста мешаванд, дохил карда шаванд.

Автомобиле, ки аз як таъинот ба таъйиноти дигар ва ғайраҳо таҷҳизонида шудааст (автомобили боркаш, ки дар автобуси мусофирбар ба автомобили боркаш ё ба автомобили махсус ва ғайраҳо аз нав таҷҳизонида шудааст;

- автомобил бо сохти барои истифодаи танҳо бензин дар сохти барои истифодаи гази моеъ ва нафт ва ғайраҳо аз нав таҷҳизонида шудааст) ба таъйиноти дигар танҳо дар ҳамон ҳолате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки ҷузъу томи БДА ВКД дар шиносномаи техникии автомобил бо таъйиноти дигар қайд карда шуда бошад.

Ин қайдкунӣ бо имзо ва муҳри шахси масъули ҷузъу томи БДА ВКД тасдиқ карда мешавад.

Дар шакли №1 нақлиёт (роҳ), агар тамға, модели зарфияти борбардорӣ, ғунҷоиши автомобили мусофиркаш бо гузоштани дар варақаи ҳисобот тамға, модели зарфияти борбардорӣ ғунҷоиши мусофирон мувофиқат кунад, дар он сурат автомобил ба сатри «дигар» мансуб дониста мешавад.

Автомобили борбардор ба ҳисобот дохил карда намешавад.

Дар сутуни 2 «Миқдори автомобилҳо –ҳамагӣ, адад, ҳамаи автомобилҳои хусусиро новобаста аз ҳолати техникӣ (коршоям ношоям) аз ҷои воридшуда (дар маҳалли воридшудаи хоҷагии худ ё дар хизмати буда қарор доранд), новобаста аз он ки ба ҳамаи супоришҳо қарор доранд (истифода бурда мешаванд), дар хоҷагиҳо-моликонашон ё дар хоҷагиҳои иҷоракорон баҳрабардорӣ мешаванд) ва ғайраҳо дохил мекунанд.

Дар сутуни 3 «Аз он ҷумла аз ҷиҳати техникӣ коршоям» ҳамаи автомобилҳо ба истиснои аз ҷиҳати техникӣ корношоям»-ро ҳамроҳ мекунанд, яъне ба истиснои автомобилҳое, ки дар таъмири асосӣ, ҷорӣ (хадамоти техникӣ (профилактикӣ), таъмир, ё дар интизори таъмир дар интизори аз хисоб баровардан аз сабаби он ки таъмирашон мақсаднок нест, инчунин аз сабаби аз муоинаи техникӣ нагузаштаанд. Автомобилҳое, ки аз сабаби мавҷуд набудани қисмҳои эҳтиётӣ (аз ҷумла аккумуляторҳо ва дигарҳо) корношоям мебошанд, ба автомобилҳои корношоям мансуб дониста мешаванд.

Дар сутуни 4 «Оид ба автомобилҳое, ки дар сутуни 2 нишон дода шудаанд (бо дақиқияти то 0,1 тонна)» зарфияти борбардорӣ бо назардошти зарфияти борбардории автомобилҳое, ки амалан борбардор нестанд, яъне бо қувваи борбардорӣ» якҷоя бо вазни баданаи худ ва бори автомобил муайян карда мешавад.

Агар дар ин шиносномаи техникӣ барои ҳаракат дар роҳҳои асфалтпӯш ва дар роҳҳои ғайри асфалтпӯш ва ба таври алоҳида дар роҳҳои беасфалт зарфияти борбардорӣ дошта бошад, дар ин сурат дар ҳисобот бештар аз ин ду зарфияти бордарорӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Автомобилҳое, ки сӯзишворӣ мекашонанд, шир мекашонанд, об мекашонанд, семент мекашонанд ва ғайраҳо ба сатри «систернҳо» ҳамагӣ» ҳамроҳ карда мешаванд.

Автомобилҳои, боркаш, ки барои ҳамлу нақли асбобу анҷом ва дастгоҳу таҷҳизот ба маҳалли таъмири автомобилҳо, инчунин автомобилҳое, ки барои хизматрасонии техникӣ дастгоҳу таҷҳизоти муваққати истифода бурда мешаванду аммо дар ҷузъу томҳои БДМ, ВКД ҳамчун автомобили боркаш ба қайд гирифта шудаанд, дар ҳисобот бояд ба ҷумлаи автомобилҳои боркаш (на ба ҷумлаи автомобилҳои таъмиру устохона, яъне ба ҷумлаи автомобилҳои махсус) ҳамроҳ карда шаванд.

### а). Автомобилҳои боркаш бо баҳисобгирии пикапҳо ва фургонҳои сабукрав

Ядакҳои зерин ба ҳисобот дохил карда намешаванд:
ядакҳои тракторӣ ба автомобилҳои сабукрав, ядакҳои тракторӣ ба автомобилҳои сабукрав, ядакҳои систернҳо барои ҳифзу нигоҳдории сӯзишворӣ ва ғайраҳо, инчунин ядакҳое, ки дар ҷузъу томҳои БДА ВКД ҳамчун воситаи нақлиёт ба қайд гирифта нашудаанд.

### б). Автобусу автомобилҳои сабукравӣ мусофиркашон

Автобусу автомобилҳои сабукравӣ мусофиркаш барои ҳамлу накли мусофирон пешбинӣ шудаанд. Ба ин гуна нақлиётҳо автобусҳо, автомобилҳои сабукравӣ таксамоторӣ ва сабукравӣ хизматӣ мансубанд. Автобусу автомобилҳои токсомоторӣ метавонанд дар хоҷагҳои нақлиётие мавҷуд бошанд ба хоҷагиҳои нақлиёти автомобили истифодаи умум, инчунин ба кооперативҳо ва ба шаҳрвандоне тааллуқ доранд, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ оид ба хизматрасонии нақлиёти аҳолӣ аз рӯи патентҳо (иҷозатномаҳо) машғуланду ба мақомоти андоз месупоранд ва иҷозатномаи (литсензияи) намояндагии нақлиётро доранд.

Ба автомобилҳои сабукравӣ хизматӣ, автомобилҳое тааллуқ доранд, ки дар ҷузъу томҳои БДА ВКД ҳамчун сабукравӣ хизмати ба қайд гирифта шудаанд.

Автомобилҳои сабукравӣ хизматӣ барои сафарҳои хизмати шахсони мансабдор пешбинӣ шудаанд, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ машғуланду ба таври доими дар сафарҳои хизматии истеҳсолӣ қарор доранд.

Ба сифати автомобилҳои сабукравӣ хизматӣ истифода шуда метавонанд:

- автомобилҳои сабукравӣ корхонаҳои нақлиёти автомобили истифодаи умум аз рӯи дархост аз ин корхона ба хоҷагии хизматрасон (бе вобаста кардани автомобилҳо барои хизматрасонӣ ба хоҷагиҳо);
- автомобилҳои сабукравӣ хусусӣ, ки бе ронандаҳои дохили баст (штати) ба хоҷагӣ хизмат мерасонанд;
- ба таври истисной-автомобилҳои сабукравӣ корхонаи нақлиёти автомобили истифодаи умум, ки барои хизматрасонӣ ба хоҷагӣ вобаста карда шудаанд.

### в). Автомобилҳои махсуси ғайрисабукрав ва сабукрави махсус

Таъйин намудани автомобилҳои махсуси ғайрисабукрав ва сабукрави махсус иҷрои корҳои ғайринақлиётӣ мебошад (на автобили боркашонӣ ва на мусофиркашонӣ).

Ба автомобилҳои махсуси ғайри сабукрав ва сабукравӣ махсус автомобилҳое тааллуқ доранд, ки дар ҷузъу томи БДА ВКД ҶТ ҳамчун махсус ба қайд гирифта шуда бошанд.

Ин автомобилҳо метавонанд ба таҷҳизоти махсуси (васлшаванда ва собит) ва бе таҷҳизоти васлшуда ва собит дар заводи истеҳсолкунанда тайёр карда шуда бошанд ё дар автомобилҳои боркаш ва мусофирбар аз нав таҷҳизонда шуда бошанд.

Ба автомобилҳои сабукравӣ махсус автомобилҳое мансубанд, ки аз тарафи корхонаҳои истеҳсолкунанда бо таҷҳизоти доими махсус аз нав маҷмӯъ карда шудаанд ё мувофиқи стандартҳои давлатӣ ба чарогоҳи ранга ва сигналҳои овоздор, рангҳои гуногун ва навиштаҷоти махсус аз нав таҷҳизонида шудаанд. Ба автомобилҳои махсуси сабукрав рақамҳои ишоравӣ ба хати махсус ба қайд гирифташуда дода мешавад.

Автомобилҳои сабукраве, ки ба талаботи пешниҳодкарда ба автомобилҳои махсуси сабукрав мутобиқат намекунанд, ҳамчун автомобилҳои сабукравӣ хизматӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Ба автомобилҳои санитарӣ автомобилҳое мансуб дониста мешаванд, ки барои хизматрасонӣ ва ҳамлу нақли беморон ба дастгоҳу таҷҳизоти нав таҷҳизонида шудаанд: инҳо автомобилҳои сабукравӣ ёрии таъҷлии тиббӣ мебошанд.

Ба автомобилҳои оташ хомӯшкунанда автомобилҳое дохил карда мешаванд, ки таҷҳизоти ҷудонашаванда барои зидди сӯхтор (насосҳо, зинапояҳо, дудкашҳо, дастгоҳ барои бо маводи кимиёвӣ хомӯш кардани сӯхтор ва ғайраҳо) насб карда шудаанд.

Ба автомобилҳои устохонаҳои таъмир автомобилҳое мансубанд, ки барои ёрии техникӣ ва таъмири автомобилҳо бо таҷҳизоти тариқ муҷаҳҳаз кунонида шудаанд;

Ҳамчунин барои таъмири кубурҳои обгузар, газ ва ғайраҳо пешбинӣ шудаанд.

Ба ҳаргуна автомобилҳои махсус мансубанд;

- систернҳои махсус (сӯзишворӣ пуркунандаҳо, равғану обпуркунандаҳо, нуқтаҳои сӯзишворигирӣ (бензин, дизел, керосин) дукончаҳои карасинфурӯшӣ, чангкашакҳои бетону маҳлули сементӣ, барои обшоркунӣ ва обпошиҳо рӯбу чини кӯчаҳо, нақлиёти нурикашӣ);
- пошдиҳандаҳои нуриҳои маъданӣ, барфтозакунакҳо, ахлоткашону партовкашонҳо, рагу намакпошакҳо;

Ба автомобилҳои махсуси сабукрав автомобилҳои сабукравӣ ёрии таъҷилии тиббӣ, автомобилҳои ёрии садамаю техникӣ, барои ҳамлу нақли муттамарказии борҳо бо гурӯҳҳои хурд-хурд, барои хизматрасонии нуқтаҳои иҷоравӣ (прокатҳо), барои хизматрасонии хазинакашонӣ (инкассаторҳо) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Шумораи автомобилҳо дар ихтиёри хоҷагиҳо аз рӯи воридшавии муваққати барои истифодабарӣ**

Гурӯҳбандии автомобилҳо аз рӯи воридшавии муваққатӣ барои истифодабарӣ аз лаҳзаи истеҳсоли заводи истеҳсолкунанда дар охири соли ҳисобот дар асоси маълумоти шиносномаи техникии автомобилҳо ба амал баровnapда мешавад.

## ФАСЛИ 3: Истифодаи сохтори ҳаракаткунандаи дар ихтиёри хоҷагӣ дар як сол

Дар фаслҳои 3.1. ва 3.2 маълумотҳо танҳо оид ба автомобилҳои дар ихтиёри хочагиҳои ҳисоботдиҳанда, ки онҳо якум автомобилҳои худи хоҷагиҳои ҳисоботдиҳанда мебошанд, ки ба дигар хоҷагӣ бо иҷора дода нашудаанд, дуввум автомобилҳои худи хоҷагии ҳисоботдиҳанда, ки ба дигар хоҷагӣ дар вақти иҷора дар давоми соли ҳисобот ба иҷора дода шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба фаслҳои 3.1. ва 3.2. маълумотҳои оид ба автомобилҳои худи хоҷагии ҳисоботдиҳанда, ки ба дигар хоҷагӣ ба иҷора дода шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

### 3.1 Истифодабарии (баҳрабардории) автомобилҳои боркаш, дар як сол (бо дақиқияти то 0,1 ҳазор)

Аз шумораи автомобилҳои дар ихтиёри хоҷагибуда дар фасли 3,1 маълумотҳо оид ба автомобилҳое, ки ба дигар хоҷагӣ (барои ҷамъоварии ҳосил, тайёр кардану захира намудан ему хошок (хӯроки чорво) ва ғалладона ва ғайраҳо) ба сафари хизматӣ қарор доранд ҳамроҳ карда мешаванд. Вақти сафари хизматӣ дар соли ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад, агар автомобил аз рӯи шакли «Сафархати автомобили боркаш», ки хоҷагии ҳисоботдиҳанда аз рӯи ин шакл ҳисобот медиҳад кор карда бошад; агар автомобил аз рӯи шакли «Роҳхати автомобили боркаш» ки хоҷагӣ дар ҷои сафари хизматӣ «Тасдиқнома дар бораи кори автомобили боркаш» дода бошаду дар сафари хизмати қарор дорад ва бо роҳхати дигар ташкилотҳои ин хоҷагӣ кор мекунад, вай ӯҳдадор аст тасдиқномаи қайд кардашударо ба ронанда диҳад ё суроғаи хоҷагиро, ки автомобилро ба сафари хизмати фиристода буд, нависад.

Хоҷагӣ аз рӯи ҷои сафари хизматии автомобил маълумотро оид ба вай дар фасли 3,1 –и ҳисоботи худ шакли №1 – нақлиёт (роҳ) ҳамроҳ намекунад.

Сатри 48 «Вақти ҳозиршавии автомобиҳо дар кор-ҳамагӣ, ҳазор автомобил дар як шабонарӯз» дар асоси коркарди роҳхатҳо (реестр), бо зарб кардани шумораи автомобилҳо дар 365 (366) рӯзи тақвимӣ дар як сол пур карда мешавад.

Сатри 49 «Рафту омади автомобилҳо-ҳамагӣ, ҳазор автомобил километр» дар асоси нишондоди километрсанҷ (спидометр)-и ҳар як автомобил аз рӯи роҳхатҳо, ё бо роҳи ҳисобу китоби (ҳисоби миёнаи шабонарӯзии рафту омади автомобил ба миқдори автомобилҳо ба 365 (366) рӯзи тақвимӣ дар як сол пур карда мешавад.

Сатри 50 «Аз сатри 49 рафту омади автомобилҳо бо бор-ҳамагӣ» дар асоси роҳхат, ё бо ҳисобу китоби зарб задани рафту омади миёнаи як автомобил бо бор ба миқдори автомобилҳо ва ба 365 рӯз пур карда мешавад.

Дар сатри 51 «Даромад аз боркашонӣ, ҳаз.сомонӣ» ҳамаи мадохилоти пулӣ аз ҳамлу нақли боркашонӣ бо автомобилҳои боркаш ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сатри 52 «Хароҷот оиди боркашонӣ (бе хароҷот оид ба корманди намояндагӣ, корҳои бор боркунӣ ва борфарорӣ ва таъмири асосӣ-ҳамагӣ, ҳаз.сомонӣ» хароҷоти зерин оид ба истифодабарии атомобилҳои боркаш ҳамроҳ карда мешаванд:

- музди кори асосӣ ва иловагии ронандаҳо ба ҳисоби пулгузаронӣ;
- арзиши сӯзишворӣ, маводҳои чарбкунанда ва молиданӣ, маводҳои поккорӣ барои истифодабарии автомобилҳо (арзиши изофахароҷоти

сӯзишворӣ аз тарафи ронанда ба сатр ҳамроҳ карда намешавад, аз ронанда ситонда мешавад;

- арзиши таъмири автомобилҳо (бе таъмири асосӣ) ;
- арзиши фарсудашавӣ ва таъмири автошинҳо ;
- фарсудашавии автомобилҳо ва ядакҳои автомобилӣ
- хароҷоти маъмурӣ – хоҷагӣ ва ҳаргуна хароҷоти зиёдатӣ.

Дар айни замон дар хоҷагиҳои ҳисоби хоҷагӣ музди кори ронандаҳо ҳангоми иҷрои корҳо дар автомобил оид ба хизматрасонии хоҷагии худ ба хароҷоти изофагӣ ҳамроҳ карда мешаванд, барои вақти кор бошад, дар автомобил ба хароҷот ба намуди дахлдори таъмир ҳамроҳ карда мешавад.

Барои автомобилҳои боркаш, ки аз рӯи иҷора кор мекунанд, бештари масраф ба ронандаҳо ва гузошта мешавад ва ин корхона ба қайд намегирад, ки ин ба камшавии маблағи умумии масраф оварда мерасонад.

## 3.2. Истифодаи автобусҳои мусофиркаш

Сатри 55 «Вақти ҳозиршавии автобусҳо(истифодаи умумӣ ва ғайриумумӣ, дар кор -ҳамагӣ, ҳазор автобус дар як шабонарӯз» дар асоси коркарди роҳхатҳо (реестр), бо зарб кардани шумораи автобусҳо дар 365 (366) рӯзи тақвимӣ дар як сол пур карда мешавад.

Сатри 56 «Рафту омади автобусҳо-ҳамагӣ, ҳазор автобус километр» дар асоси нишондоди километрсанҷ (спидометр)-и ҳар як автобус аз рӯи роҳхатҳо, ё бо роҳи ҳисобу китоби (ҳисоби миёнаи шабонарӯзии рафту омади автобус ба миқдори автобус ба 365 (366) рӯзи тақвимӣ дар як сол пур карда мешавад.

Дар сатри 57 «Даромад аз мусофиркашонӣ, ҳаз.сомонӣ» ҳамаи мадохилоти пулӣ аз ҳамлу нақли мусофиркашонӣ бо автобусҳои мусофиркаш ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сатри 58 «Хароҷотҳои автомобилҳо -ҳамагӣ, ҳаз.сомонӣ» хароҷоти зерин оид ба истифодабарии атомобусҳои мусофиркаш ҳамроҳ карда мешаванд:

- музди кори асосӣ ва иловагии ронандаҳо ба ҳисоби пулгузаронӣ;
- арзиши сӯзишворӣ, маводҳои чарбкунанда ва молиданӣ, маводҳои поккорӣ барои истифодабарии автомобилҳо (арзиши изофахароҷоти сӯзишворӣ аз тарафи ронанда ба сатр ҳамроҳ карда намешавад, аз ронанда ситонда мешавад;
- арзиши таъмири автобусҳо (бе таъмири асосӣ) ;
- арзиши фарсудашавӣ ва таъмири автошинҳо ;
- фарсудашавии автобусҳо;
- хароҷоти маъмурӣ – хоҷагӣ ва ҳаргуна хароҷоти зиёдатӣ.

Дар айни замон дар хоҷагиҳои ҳисоби хоҷагӣ музди кори ронандаҳо ҳангоми ичрои корҳо дар автобус оид ба хизматрасонии хоҷагии худ ба хароҷоти изофагӣ ҳамроҳ карда мешаванд, барои вақти кор бошад, дар автомобил ба хароҷот ба намуди дахлдори таъмир ҳамроҳ карда мешавад.

## 3.3. Истифодаи автомобилҳои сабукрави мусофиркаш ва махсус

Сатри 61 «Воридшавии автомобилҳо ба ихтиёри хоҷагӣ (бо назардошти зарфияту ғунҷоиши мусофирон дар онҳо) ҳазор ҷой дар як шабонарӯз, ғунҷоиш мусофирон дар ин тамғаи автомобилҳо (аз рӯи шиносномаи техникии заводи тамғаи автомобилҳо (аз рӯи шиносномаи техникии заводи истеҳсолкунанда) ва ҷамъ намудани маҳсулнокии аз рӯӣ ҳамаи тамғаҳои автомобилҳо гирифташуда.

Сатри 62 «Рафту омади автомобилҳо –ҳамагӣ, ҳазор километр автомобил» дар сутуни 2 дар асоси реестри коркарди роҳхатҳо ё дар асоси «Китоби рафту омад»-и корхонаи автомобилӣ пур карда мешавад.

Дар сатри 63 «Даромад аз баҳрабардории автомобилҳо, сомонӣ» ҳамаи мадохилоти пулӣ ва ҳамлу нақли мусофирон бо автомобилҳо сабукрави мусофиркаш (таксомоторҳо ва хизматӣ) (сутуни 2) ва автомобилҳои махсуси ғайрисабукрав ва автомобилҳои махсуси сабукрав (сутуни 3) (ҳангоми мусофиркашони ройгон-бепул даромад нест) ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сатри 64 «Хароҷот оид ба истифодабарии автомобилҳо, сомонӣ», дар сутуни 2 хароҷоти зерин оид ба истифодабарии автомобилҳои мусофиркаш ҳамроҳ карда мешаванд:

- музди кори ронандаҳо бо роҳи ҳисоби пулгузоронӣ;
- арзиши сӯзишворӣ, маводҳои молиданӣ ва дигар маводҳо оид ба истифодабарии автомобилҳо;
- арзиши тармим (бе тармими асосӣ) ва хадамоти техники автомобилҳо
- арзиши фарсудашавӣ ва тармими мошинҳои автомобилӣ
- фарсудашавии автомобилҳо;
- хароҷоти маъмурию хоҷагӣ ва ҳаргуна хароҷоти зиёдатӣ

### 3.4: Хароҷоти сӯзишворӣ

Дар сатрҳои 67-70 хароҷоти сӯзишворӣ аз рӯи намудҳои он ва дар сутунҳо бошад аз рӯи намуди нақлиёт нишон дода мешаванд.

## ФАСЛИ 4: Роҳҳои автомобилгарди худии ғайри истифодаи умумӣ

Фасли 4-ро хоҷагиҳое, ки роҳи автомобилгарди ғайри истифодаи умумӣ доранд, сарфи назар аз он ки хоҷагиҳои автомобили хусусӣ доранд ё не пур мекунанд.

Бо роҳҳои автмобилгарди худии ғайри истифодаи умумӣ (идоравӣ) мансубанд.

1. роҳи дар ҳудуди хоҷагӣ, ки барои ҳамлу нақли истеҳсолӣ техникӣ, инчунин даромадгоҳҳою гузаргоҳҳо ба хоҷагӣ пешбинӣ шудаанд.
2. Роҳҳои назорати дар паҳлӯи поя ва хатти интиқоли барқ, қубурҳои обу газ, сарсари каналҳо ва дигар иншооти каммуникатсионӣ, гузаргоҳу даромадгоҳҳои хизмати бо иншоотҳои гидротехникӣ ва ғайраҳо.

Роҳҳои ғайри истифодаи умум (роҳҳои тангкӯчаҳо ба конҳо корхонаҳои ёрирасону саноатӣ ва ғайраҳо)-и мақомоти роҳҳои автомобилгарди ёвари

умумӣ ва корхонаҳои саноати ва ғайраҳо), мақомоти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми чумҳурӣ бояд хоҷагии ин мақомот ба шакли №1- нақлиёт (роҳ) ҳамроҳ карда шаванд.

Агар роҳ аз қитъаҳои гуногуни асфалпӯш иборат бошад, дар он сурат ба сутунҳои 3,4 маҷмӯи масофаи дурии қитъаҳои дахлдори роҳи ба қайд гирифташуда тааллуқдор ҳисобида мешавад.